# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мухлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

Бинобар сабаби камшавӣ ва қатъ гардидани воридоти тухмии зироатҳои равғандиҳанда, инчунин кам шудани истеҳсоли тухмии пахта ба миқдори 2,5 маротиба, дар ҷумҳурӣ масъалаи афзун гардонидани истеҳсоли зироатҳои равғандиҳанда ниҳоят зарур аст.

Талаботи босуръати аҳолии кишварро ба равғани растанӣ ба назар гирифта, зиёд намудани масоҳати кишти зироатҳои равғандиҳанда, асосан аз ҳисоби заминҳои обӣ ва лалмӣ, бо роҳи самаранок истифода бурдани захираҳои биоиқлимии минтақаҳои гуногун, рӯёнидани 2-3 ҳосил дар як сол – вазифаи асосии илмӣ имрӯза ва истеҳсолот боқӣ мемонад.

Баркарор ва ба роҳ мондани киштгардонҳои кӯтоҳмудат, аз қабили зироати чормағзи заминӣ, дар хоҷагиҳои ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, барои истеҳсоли равғани истеъмолии ватанӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, кишт накши бағоят муҳимро мебозад.

Навгонии илмии Бегназаров Д.Б., дар он аст, ки ӯ бори аввал дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ аз ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо таҳқиқ карда шуд, ки ба рӯёнидани ҳосили дон, анбуҳи сабз ва истеҳсоли равғани растаниро таҳқиқ намудааст.

Муаллиф дар шароити заминҳои обии минтақаи Ҳисор муҳлати мусоиди кишт ва зичии муътадили ниҳолҳои чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳия намуд, ки рӯёнидани то 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 27 т/га анбуҳи сабз ва 0,9 т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд. Технологияи илман асоснокшудаи парвариши чормағзи заминӣ дар хоҷагии таҷрибавии ба номи Дзержинский (ҳоло хоҷагии таҷрибавии Зарнисор) - и шаҳри Ҳисор тайи солҳои 2015 - 2016 дар майдони 3 гектар татбиқ карда шудааст.

Натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотии муаллифи диссертатсия дар семинару конференсияҳо, мизҳои муддавари Институти зироаткории АИКТ (ш.Ҳисор, 2015, 2016, 2017); конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии “Накши зироатҳои равғандиҳанда дар таъмини равғани

истеъмолии ватанӣ” (Душанбе, 2014); семинари амалии “Чормағзи заминӣ ва аҳамияти он дар таъмини амнияти озуқаворіи кишвар” (ш. Қӯрғонтеппа, 2015); “Зироатҳои равғандиҳанда дар шароити тағйирёбии иқлим” (ш. Ҳисор, 2018) баррасӣ гардидаанд.

Бегназаров Д.Б., тавсия медиҳад, ки парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш мебошад. Аз муҳлати кишти 1 июн бо миқдори 116 ҳазор растанӣ дар 1 га бо ҳосилнокии 32,9 с/га ғилофакҳо 10025 сомонӣ фоидаи соф ва 210 % манфиатнокӣ ба даст оварда шудааст. Бо зиёдшавии зичии ниҳолҳо аз 133 то 166 ҳазор дар 1 гектар нишондодҳои иқтисодӣ кам шудаанд. Бо ҳосилнокии 20,4 с/га дон аз муҳлати кишти 1 июн бо миқдори 116 ҳазор ниҳол дар 1 гектар 13529 сомонӣ фоидаи соф ва 197 % манфиатнокӣ гирифта шудааст. Бо ин зичии ниҳолҳо ва муҳлати кишт аз ҳисоби фурӯши равған фоидаи соф 3140 сомонӣ ва манфиатнокӣ 52 % -ро ташкил додааст.

Аз рӯи мубрамии худ мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бегназаров Давлатманд Бобошоевич ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор аст.

Раиси Маркази илмии Хатлони
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои биологӣ,
(03.02.01 - Ботаника), Бобоев Мариё Тиллоевич

735360, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Гулбоғ-1,
Тел.:+ (992) 918 89 84 10;
E-mail: b_mario@mail.ru

Имзои Бобоев М.Т. тасдиқ мекунам:
Мутахассиси шуъбаи кадрҳо Д.А.Ғафуров

08.11.2021